**Тақриз**

***ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Ҷ.А. дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих***

***Душанбе – 2020, 63саҳ.***

Истиқлолияти давлатӣ ба таъсиси давлатдории навини тоҷикон асос гузошта, барои рушди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам сохт. Дар ин давра Тоҷикистони соҳибистиқлол ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, бо қадамҳои устувор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст. Сиёсати созанда ва муваффақӣ хориҷӣ имкон дод, ки Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ мавқеи шоистаро касб намуда, чун узви комилҳуқуқи субъекти байналхалқӣ эътироф гардад. Имруз давлати соҳибистиқлоли мо аз ҷониби беш аз 150 давлатҳои дунё расман эътироф гардида, бо беш аз 130 кишвар робитаҳои дипломатӣ барқарор намудааст.

Ташаббусҳои глобалии Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯи масъалаҳои доғи сайёра нуфуз ва эътибори давлати моро дар арсаи байналхалқӣ сол то сол меафзояд. Дар илми таърихнигории муосири тоҷик то ба ҳол таҳлил ва баррасии таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва марҳилаҳои ҷудогонаи он ба таври мукаммал сурат нагирифтаанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Мирзоев Ҷ.А. мавзӯи хеле актуалӣ буда, ба таҳлили масъалаҳои мубрами таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулоса иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти асосии он муайян карда шудааст.

Боби аввал «Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ» номгузорӣ шудааст.

Дар ин боб инъикоси таъсиси давлати соҳибистиқлол, марҳилаи аввали ташаккули давлатдории навин, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги

шаҳрвандӣ, раванди сулҳофарӣ, фаъолияти Коммиссияи оштии миллӣ ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф зикр менамояд, ки масъалаҳои сиёсии даврони истиқлолият то андозае мавриди пажуҳиши муаррихон ва сиёсатшиносон қарор гирифтаанд, ки аз тарафи муҳаққиқон ба чунин интишорот қисман баҳогузорӣ шудаанд. Аммо, таҳлили таърихнигории асарҳо ва мақолаҳои илмии нашршуда то ба ҳол ба таври комплексӣ дар адабиёти илмии мо ҳануз вуҷуд надоранд.

Боби дуюм «Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ» аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистон, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ, сиёсати минтақавии ҷумҳурӣ дар мисоли робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамзавор ва инъикоси он дар осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардиданд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии бадастомада, тавсияҳо барои вусъати омузиш ва пажуҳиши мавзуъ баён ёфтаанд.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст ба пуррагӣ иҷро намуда, осори илмии таърихнигорон ва сиёсатшиносони муосири ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳлил ва тадқиқӣ объективона қарор додааст.

Диссертатсияи Мирзоев Ҷ. А. ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих сазовор аст.

Мирзоев Н.М.
доктори илми таърих,
профессори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон

Имзои ... Мирзоев Н.М.
ТАСДИҚ ...
Сардори РК ва КМ ... УК и СЧ ...
Тавқиев Э. Ш.

12-08-2020